Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-02 назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360, ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16)

# ТАҚРИЗИ

## муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар мавзуи «Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D.050307 – Психологияи педагогӣ)

Диссертатсияи Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар мавзуи «Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» ба яке аз масъалаҳои муҳими психология ва педагогикаи муосир – инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим бахшида шудааст.

Дар рисола муаллиф чунин вазифаҳоро иҷро намудааст: асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти илмии психологӣ-педагогӣ муайян карда шадаанд; моҳият ва мундариҷаи хусусиятҳои психологӣ-педагогии муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим ошкор гардидаанд; заминаҳои илмӣ ва амалии хусусиятҳои инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ асоснок ва баррасӣ карда шудаанд; имкониятҳои маҷмуи шароитҳои психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим муайян карда шудаанд; бо воситаи ташкилу баргузор намудани корҳои озмоишӣ, дараҷа ва меъёрҳои инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим санҷида шудаанд; дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои психологӣ-педагогӣ, шароитҳои мусоиду самарабахши инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим муқаррар карда шудаанд.

***Дар ибтидои диссертатсия*** мубрамии мавзуъ, дараҷаи коркарди масъала таҳлил гардида, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои асосии таҳқиқот муайян шуда, тавсифи асосҳои назариявию методологӣ, шарҳу тавзеҳи арзиши илмиву амалии кори диссертатсионӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда, арзёбӣ шудаанд.

**Боби якуми рисолаи илмӣ** *«Асосҳои назариявии хусусиятҳои муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ»* паҳлуҳои назариявии масъалаи таҳқиқшавандаро мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар он аз ҷумла таъкид гардидааст, ки яке аз соҳаҳои асосии ташаккул ва зуҳуроти хусусиятҳои равонии шахс, аз ҷумла хонандаи синни хурди мактабӣ низ муошират ба шумор меравад.

***Фасли якум*** *«Муошират масъалаи муҳимми таҳқиқоти психологӣ-педагогӣ»* ном гирифта, оварда шудааст, ки муошират воситаи муҳимми иҷтимоишавии шахс ва талаботи ҳамешагию зарурии ӯст. Дар муносибатҳои гуногунранги одам бо олам, муносибати ӯ бо атрофиён ва ҷомеа нисбатан, муҳимтар дониста мешавад. Ин муносибатҳо дар ҷараёни муошират амалӣ мегарданд ва дар рафти он мубодилаи ахбор, танзими иҷтимоии фаъолияти одамон сурат гирифта, муносибатҳои мувофиқи байнишахсӣ ташаккул меёбанд Муошират самараноку муфид бо малакаю маҳорат ва маданияти муоширатнамоии ҳамсуҳбатон алоқаи ногусастанӣ дорад.

Дар ***фасли дуюм*** *«Хусусиятҳои инкишофи психологӣ-педагогии хонандагони синни хурди мактабӣ»* қайд гардидааст, ки хусусиятҳои инфиродӣ-психологии бача пурра ба қонуниятҳои инкишофи психикӣ такя мекунанд ва ба ин қонуниятҳо заминаҳо, шароитҳо, омилҳои мухталиф дохил мешаванд, ки ба инкишофи психикии бачагон таъсир мерасонанд.

Омилҳое, ки ба инкишофи психика таъсир мерасонанд ба таври зерин таснифот карда мешаванд: а) биологӣ; б) муҳити иҷтимоӣ ва табиӣ; в) таълиму тарбия; г) фаъолнокии кӯдак. Шароите, ки инкишофи кӯдакро муайян менамояд, муҳити иҷтимоӣ мебошад. Кӯдак дар муҳити иҷтимоӣ ба дунё меояд, ки ин муҳити сунъӣ ва бехатар мебошад, он ба ташаккул ёфтани малака ва одатҳо таъсир мерасонад. Танҳо дар ин гуна шароит фарзанди инсон инкишоф меёбад ва рушди фарҳангии ӯ пеш меравад.

***Фасли сеюм*** *«Омилҳои назариявии психологияи муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ дар ҷараёни таълим»* муайян гардидааст, ки муҳаққиқон се самти калидии инкишофи психикии кӯдаконро дар гузариш аз синни томактабӣ, ба синни мактабӣ муайян кардаанд: азхудкунии рафтори ихтиёрӣ, воситаҳо ва намунаҳои фаъолияти маърифатӣ, инчунин гузариш аз эгосентризм ба десентратсия.

***Боби дуюми рисолаи илмӣ*** *«Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим»* низ аз ду зербоб иборат буда, дар он мавзуи тақиқотӣ аз нигоҳи эксперименталӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар **зербоби якуми** боби дуюм, масъалаи *«Озмоиши истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогии инкишофи муошированти хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим»* таҳлил карда шудааст, ки қисмати назариявӣ ва такя ба таҷрибаҳои кории мактабҳои муосири ватаниву хориҷиро дар бар мегирад. Муаллиф дар натиҷаи таҳлили методикаҳо барои муайян намудани роҳҳои ислоҳи мушкилиҳои муошират дар хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим методикаҳои «Дастпӯшакҳо», «Кӣ ҳақ аст?», «Роҳ ба сӯи хона»-ро интихоб ва ба забони тоҷикӣ тарҷума намудааст. Методикаҳои овардашуда, барои таҳлили фаъолияти муошират аз нуқтаи назари ташхиси психологӣ дида баромада шудаанд. Бо мақсади омӯзиш ва ошкор намудани роҳҳои ислоҳи мушкилоти муошират дар хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим, гурӯҳи хонандагони синфи 2-юми МТМУ №№ 7, 11, 10, 9-и ш.Душанбе, ки дар маҷмуъ 100 нафарро ташкил медоданд, интихоб шудаанд.

Ташхис ва роҳҳои ислоҳи мушкилоти муошират дар хонандагони синни хурди мактабӣ дар синфи 2 «А» аз ташхиси дараҷаи ташаккули амалҳо, ки ба мавқеи ҳамсуҳбат равона карда шудааст, оғоз ёфтааст. Мақсади асосии ин ташхис муайян намудани дараҷаи қабули имконияти мавҷудияти мавқеъҳои гуногун дар рафти муошират, фикрҳо, тарзҳои баёни фикру ақида дар рафти суҳбат, ба эътибор гирифтани хоҳиш ва талаботҳои нафарони дигар мебошад.

**Зербоби дуюми** боби дуюм *«Тавсияҳо оид ба истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар ҷараёни инкишофи муошированти хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим»* номгузорӣ шудааст. Барои ташхиси самаранокии озмошҳо дараҷаи пасти фаъолияти мутташаккилӣ, ба эътибор гирифтани мавқеи ҳамсӯҳбат ҳангоми муошират мавҷуд аст, дар 14 нафар хонандагон мушоҳида шудааст, ки ин 14%-ро ташкил дод. Онҳо имконияти мавҷуд будани нуқтаи назари гуногунро инкор намекунанд ва ё баръакс, эҳтимоли вуҷуд доштани ягон намуди нуқтаи назарро қабул намекарданд ва дар баробари ин, ба ақидаи як нақш думболагирӣ намуда, дигариашро сарфи назар мекунанд, «Фақат як нуқтаи назари мувофиқ мавҷуд аст – ин ҳам бошад аз МАН».

Дараҷаи миёнаи фаъолияти мутташакилӣ, ба эътибор гирифтани мавкеи ҳамсӯҳбат ҳангоми муошират, дар 50 нафар мушоҳида гардидааст, ки он 46%-ро ташкил додааст. Хонандагони ин гурӯҳ оид ба мавҷуд будани фикру мулоҳизаи гуногун дар бораи як ашё ва мавзуъ, дар баробари ин, оид ба вуҷуд доштани мулоҳизаронихои дуруст ва нодуруст маълумот доштанд. Вале ҳангоми гузаронидани ташхис дар ин хонандагон душворӣ дар асоснок кардани ҷавобҳои худ ба миён омадааст. Сабаби душворӣ кашидани

хонандагон бо маҳдуд будани ҷаҳонбинӣ, шавқу ҳавас ва кам будани захираи луғавӣ маънидод карда мешавад.

Дараҷаи баланди фаъолияти мутташакилӣ, ба эътибор гирифтани мавқеи ҳамсуҳбат ҳангоми муошират дар 36 нафар мушоҳида шудааст, ки ин 40%-ро ташкил медиҳад. Хонандагон мавқеъҳои гуногуни нақшҳоро ба эътибор гирифта, бе мушкилӣ фикру ақидаи худро дар бораи супориш баён карда метавонистанд.

Дар марҳалаи ҷамъбастии кори таҷрибавӣ-озмоишӣ таҳлили натиҷаҳо гузаронида шуда, имкон додааст, ки муаллиф чунин иброз намояд – асоси таълиму тарбияи фарзандон ин ҷалби волидон ба ҷараёни таълиму тарбия дар мактаб мебошад. Оила аввалин муҳити иҷтимое мебошад, ки бача дар он ба воя мерасад, таълиму тарбия мегирад, минбаъд дар боғча ва мактаб ташаккули минбаъдаи ӯ давом мекунад. Дар ҷараёни таълиму тарбия дар мактаб робитаи байни волидон – омӯзгор – хонанда басо муҳим аст, зеро ин робитаи мушкилиҳои муносибатро танзим менамояд. Таълим дар мактаб на танҳо гирифтани дониш, инчунин ташаккул додани шахсияти ҳаматарафа инкишофёфтаро ба ӯҳда дорад. Муваффақияти раванди таълим аз он иборат аст, ки чи тавр муносибатҳо дар байни омӯзгор-волидон-хонанда ба роҳ монда мешаванд.

Барои омӯзиши муносибатҳои байни хонанда - омӯзгор - волидон бо волидони озмудашавандагон пурсишнома гузаронида шудааст. Пурсишнома аз 20 савол иборат аст. 6 саволи аввал марбут ба таваҷҷуҳи волидон ба инкишофи фарзандони худ ва инчунин, мазмуни таълимро фарогир буд. Саволҳои дигар оид ба ҳавасмандгардонии хонанда ба ҷараёни таълим, доир ба реҷаи рӯзи хонандагон ва огоҳии волидон аз он, то кадом дараҷа фарзандон бо волидони худ аз рӯзи гузарондаи худ суҳбат мекунанд, роҷеъ ба хоҳиши ба мактаб рафтан, фанҳое, ки бо осонӣ ва душворӣ аз худ карда мешаванд, бахшида шуда буданд. Инчунин, тавсияҳои волидон дар бобати беҳтар гардидани ҷараёни таълиму тарбия дар мактаб бо истифодаи пурсишномаҳо пешниҳод гардид. Баъдан, ҷавобҳои волидон таҳлил карда шуда, дар диаграммаҳои 4-11 оварда шуданд.

Таҳқиқоти гузаронидашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки раванди таълим дар синфҳои ибтидоӣ ҳамчун муҳити мусоид барои азхудкунии малакаҳои муошират бо дигарон ва азхудкунии шаклҳои гуногуни муошират, ҳам шифоҳӣ ва ҳам ғайривербалӣ ба ҳисоб меравад. Диссертант чунин хулоса намудааст, ки кӯдаки синни хурди мактабӣ ҳамчун субъекти мукаммал тадриҷан ташаккул ёфта, минбаъд барои ба муҳити иҷтимоии нав ва нисбатан мураккаб мутобиқ шудан, махсусан, дар байни ҳамсолон бомуваффақият омода мешавад.

Дар диссертатсия натиҷаҳои ташаккули методологии муқаррароти ибтидоии кори илмӣ, истифодаи усулҳое, ки ба объект, предмет, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот мутобиқанд, айнан такроршавии натиҷаҳо ва аёнияти маълумоти ҳосилшуда, таҳлили миқдорӣ ва сифатии онҳо, мутобиқати натиҷаҳои ҳосилшуда, ба фарзияи таҳқиқот таъмин шудааст.

***Мақсади таҳқиқот*** ҷиҳати назариявӣ омӯхтан ва ба таври амалӣ муайян намудани хусусиятҳои психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим мебошад. Ин мақсад ба иҷрои ***вазифаҳои*** зерини таҳқиқот водор месозад:

1. Таҳлил ва асосноккунии маҷмуи стандартҳои ибтидоӣ, ки принсипҳои психологию педагогии рушди муоширати хонандагони синфҳои ибтидоиро ташкил медиҳанд.
2. Муайян намудани меъёрҳои хусусиятҳои психологию педагогии ҳамкории хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо омӯзгорону ҳамсолон ва таъсири онҳо ба раванди таълим.
3. Муқаррар намудани меъёр ва дараҷаҳои хусусиятҳои психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим.
4. Санҷиш ва исботи озмоишии истифодаи роҳу усулҳои психологӣ-педагогӣ дар ҷараёни инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим.
5. Коркарди хулоса ва тавсияҳои илмӣ-амалии хусусиятҳои психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим.

***Навгониҳои илмии таҳқиқот:***

1. Дар илми психологияи тоҷик бори аввал дар доираи раванди таълим маҷмуи нуктаҳои ибтидоии асосҳои психологию педагогии ташаккули малакаҳои муоширати хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.
2. Тартибу меъёрҳои хусусиятҳои психолоҷӣ ва педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ бо омӯзгорон ва ҳамсолон дар ҷараёни таълим мушаххасан муайян карда шудааст.
3. Меъёр ва дараҷаҳои хусусиятҳои психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим муқаррар гардидаанд.
4. Усул ва роҳҳои истифодаи методҳои психологӣ-педагогӣ дар ҷараёни инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим тариқи ташхиси экспериментали санҷида ва исбот карда шудааст.
5. Дар асоси таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба инкишофи хусусиятҳои психологӣ-педагогии муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим таҳияву коркард шудаанд.

***Натиҷаҳо ва муҳтавои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд:***

1. Раванди таълимии синфҳои ибтидоӣ ҳамчун муҳити мусоид барои азхудкунии малакаҳои муошират бо дигарон ва азхудкунии шаклҳои гуногуни муошират ҳам шифоҳӣ ва ҳам ғайривербалӣ ба ҳисоб меравад. Натиҷа ин аст, ки кӯдаки синни хурди мактабӣ ҳамчун субъекти мукаммал тадриҷан ташаккул ёфта, минбаъд барои ба муҳити иҷтимоии нав ва нисбатан мураккаб мутобиқ шудан, махсусан, дар байни ҳамсолон бомуваффақият омода мешавад.
2. Малакаҳои муошират ва хусусиятҳои психологӣ-педагогии рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсолро дар раванди таълим бо ёрии бозиҳои дидактикӣ инкишоф додан лозим аст, зеро ин шакли фаъолият метавонад, фикррониро фаъол, нуткро сайқал ва захираи луғавии ин гурӯҳи бачагонро бой гардонида, онҳоро водор созад, ки маҳз ба ин васила, дар ҷараёни таълим ба ҳамдигар меҳрубон ва ба талабу хоҳишҳои дигарон диққат диҳанд.
3. Дар доираи раванди таълим, ки ба рушди малакаҳои муошири хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шудааст, зарур аст, равишҳои психологӣ истифода шаванд, ки хусусиятҳои синну солии кӯдакони аз 7 то 10-соларо ба назар мегиранд. Ин равишҳо бояд дастрас ва даркшаванда бошанд, инчунин рушди бомуваффақияти қобилиятҳои коммуникатсиониро дар марҳилаҳои ибтидоии омӯзиш таъмин кунанд.
4. Дараҷаи муайянгардидаи инкишофи малакаҳои муошири хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим барои интихоби шакли таҳқиқот ва методикаҳое имконият медиҳад, ки бо ёрии онҳо ташкили корҳои ислоҳии малакаҳои алоҳида дар инкишофи самараноки маҳорати муошират ба роҳ монда шавад.
5. Ҳангоми дуруст истифода бурдани шароитҳои психологӣ ва педагогӣ дар ҷараёни таълими хонандагони синни хурди мактабӣ инкишофи малакаҳои муошират самараноку натиҷабахш хоҳанд гардид.

Дар баробари муваффақиятҳо дар рисола норасоиҳо низ ба назар мерасанд. Ба сифати эрод чанд нуқтаро таъкид кардан ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Хуб мешуд, ки докторант PhD мафҳумҳои назариявии «шароитҳои психологӣ-педагогӣ»-ро бо истинод ба донишҳои илмии равоншиносӣ ва педагогӣ амиқ таҳлил мекард.
2. Муайян кардан лозим аст, ки кадом шароитҳо дар рушди муошират муҳимманд: муҳити синф, муносибати омӯзгор ва шаклҳои ҳамкорӣ

байни хонандагон ва ғайраҳо.

3. Арзёбии мавқеи муҳими МТМУ дар рушди муошırати хонандагони синни хурд бо мисолҳои воқеӣ оварда мешуд мубрамии мавзуи таҳқиқотро бештар мегардонид.
4. Хуб мешуд, агар дар кори илмӣ таъсирбахшии пешниҳодҳои мушаххас оид ба амалигардонӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ мешуданд.
5. Диссертатсия ба талаботи меъёри забони адабии муосири тоҷик пурра ҷавобгӯ мебошад. Аммо баъзе хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ дар рисола ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба арзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулоса,** натиҷаҳои кори илмии таҳқиқотии Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар мавзуи «Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D.050307 – Психологияи педагогӣ) пурра мувофиқ буда, бо назардошти хусусиятҳои соҳавии илмҳои педагогика ва психология бо таҳлили назариявӣ ва амалӣ бахшида шудааст.

Натиҷаҳои илмии тадқиқотӣ бо пайвандҳои байниҳамдигарии худ ва ягонагии дохилии диссертатсия шакл гирифта, дар доираи назарияи психологӣ-педагогии инкишофи муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим саҳми босазо гузошта метавонанд.

Дар матни диссертатсия маводи муаллифони дигар ва ҳиссаи ҳаммуаллифон, танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст.

Автореферат ва натиҷаҳои илмӣ бо эътимоди кофӣ муҳтавои тадқиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Ҳамин тариқ, кори илмии Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар мавзуи «Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июли соли 2023 таҳти №295 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, метавон иброз намуд, ки унвонҷӯ Маҷидов Парвизҷон Имомназарович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа

(PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D.050307 – Психологияи педагогӣ), сазовор мебошад.

Доктори илмҳои психологӣ, дотсенти
кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров» С.Б. Бобоева

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Телефон: (+992) 92-776-07-97.

Имзои С.Б. Бобоеваро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ МДТ «ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Сайдуллозода З. С.
10.02.2025